# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолиддин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.

1. Мавзуи диссертатсионии Нуриддинзода С.Ҳ., ки таҳқиқи масъалаи назарфиребии сиёсӣ ва ҷанбаҳои гуногуни онро дар мавриди таъсиррасониҳо, бахусус таъсиррасониҳои манфию иртиҷоии он ба суботи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар шароити муосири инкишоф, махсусан, ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва давлати иҷтимоӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, мустаҳкам намудани унсурҳои мухталифи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикитстон аҳамияти муҳимро касб намудаанд. Таъмини суботи сиёсӣ ва ташкили низоми идоракунии самараноки ҷомеа ба муқобили майлонҳои номатлуби ҷомеаи муосири сиёсӣ муқовимат карда, низоми хосаю зарурии рушдро таъмин менамоянд. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф илова бар баён намудани роҳу усулҳои пешгирӣ намудани таъсири назарфиребии сиёсӣ мақоми арзандаи арзандаи суботи сиёсиро дар шароити таҳаввулпазирӣ ва зудтағйирёбандагии ҷомеаи муосир, муайян намудани дурнамои инкишофи мамлакатҳо ҷойгоҳи хосаеро касб намудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки моҳият ва хусусиятҳои назарфиребии сиёсӣ ва зуҳуроти онро дар асосҳои қавии назариявию методологӣ ва дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва хулосагириҳо қарор

додааст. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 2 маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расида, ҳамагӣ бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода С.Ҳ., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Нуриддинзода С.Ҳ. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолиддин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ  аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д.;
- номзади илмҳои сиёсӣ Муродов С.А.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода таъйин карда шавад.

2. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

доктори илмҳои сиёсӣ — Каримов Ш.Т.

Аъзои комиссия:

доктори илмҳои фалсафа — Комилов Р.С.;

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Назаров А.Қ.